# Маҳбубтарин сухан назди Аллоҳ чаҳор аст: "Субҳоналлоҳ" (Пок аст Аллоҳ), "Алҳамдулиллоҳ" (Ситоиш барои Аллоҳ аст), "Ло илоҳа иллаллоҳ" (Нест маъбуди барҳақ ҷуз Аллоҳ) ва "Аллоҳу акбар" (Аллоҳ бузург аст), боке надорад бо кадоме аз онҳо оғоз кунӣ

Аз Самура ибни Ҷундуб (Худованд аз ӯ рози бод) ривоят аст, ки Паёмбар (салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Маҳбубтарин сухан назди Аллоҳ чаҳор аст: "Субҳоналлоҳ" (Пок аст Аллоҳ), "Алҳамдулиллоҳ" (Ситоиш барои Аллоҳ аст), "Ло илоҳа иллаллоҳ" (Нест маъбуди барҳақ ҷуз Аллоҳ) ва "Аллоҳу акбар" (Аллоҳ бузург аст), боке надорад бо кадоме аз онҳо оғоз кунӣ".
[صحيح] [رواه مسلم]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) баён фармуданд, ки маҳбубтарин сухан назди Аллоҳ чаҳор сухан аст: Субҳоналлоҳ: яъне пок донистани Аллоҳ аз ҳамагуна нуқсон ва камбудӣ. Алҳамдулиллоҳ: яъне васфи Аллоҳ бо камоли том ва муҳаббату бузургдошти Ӯ. Ло илоҳа иллаллоҳ: яъне нест маъбуди барҳақ ҷуз Аллоҳ. Аллоҳу акбар: яъне Аллоҳ бузургу гиромитар ва боиззаттар аз ҳама чиз аст. Фазилат ва касби савоби зикрҳои мазкур вобаста ба риоят дар ба тартиб гуфтани онҳо нест.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/5475